# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №_**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 04 феврали соли 2021, таҳти №9**

**Дар бораи ба Абубакри Мирзоаҳмади Грезода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» санаи 20-уми октябри соли 2020, суратмаҷлиси №14 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2020 с., №28) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Абубакри Мирзоаҳмади Грезода, соли таваллудаш 1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2016 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси психология (дараҷаи магистр) хатм намудааст.

Аз соли 2019 то имрӯз ба ҳайси ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Соли 2016 дар кафедраи зикршуда ба ҳайси доктаранти PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа қабул гардида, соли 2019 онро хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 23.11.2016., протоколи №5 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ - номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ;

Бердиев Шоҳназар Пирназарович - номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби

мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Маҷидов Д. ба имзо расида, аз ҷониби ректори ҳамин донишкада, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абубакри Мирзоаҳмади Грезода сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода алоқамандии зич доранд.

Довталаб 5 маводи интишорӣ дорад, ки аз онҳо 4 тояшон дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОАи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. **Абӯбакри М.Г.** Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти ахлоқии Н. Тӯсӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -2017. -№3/7. –С. -169-176.
2. **Абӯбакри М.Г.** Моҳияти фалсафаи ахлоқии З. Розӣ ва Н. Тӯсӣ// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳури Тоҷикистон. -2019. -№3. –С. 159-164.
3. **Абӯбакри М.Г.** Нақши ахлоқ аз нигоҳи Н. Тасӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . -2018. -№5. –С. 148-154.
4. **Абӯбакри М.Г.** Нигоҳе ба осори ахлоқии Абӯбакри Розӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. -№3. –С. 130-134.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – **Имомзода М.С.;**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ – **Комилов Р.С.;**

- аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ – **Раҳмон Д.С.**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷисктон – **Ҳайдарӣ С.С.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд. Эродҳо асосан оид ба истифода накардани баъзе корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ҳангоми таҳияи рисола, васеътар баррасӣ накардани таъсири таълимоти ахлоқии мутафаккирон ба таълимотҳои минбаъдаи ахлоқӣ ва норасогиҳои имлоиву техникӣ дахл доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

**бори нахуст** таҳлили муқоисавии андешаҳои ахлоқӣ дар фалсафаи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ анҷом дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо ошкор карда шудааст;

**дар натиҷаи таҳлили** муқоисавии анҷомёфта, муайян шудааст, ки Насириддини Тӯсӣ системаи ратсионалистии Абӯбакри Розиро дар баррасии масоили ахлоқӣ тақвият додааст;

**муайян карда шудааст**, ки таъсири афкори ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи фалсафаи ахлоқ хеле назаррас мебошад;

**нишон дода шудааст**, ки аҳамияти амалии таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ дар рушди андешаҳои ахлоқӣ дар замони муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир хеле бузург мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.**

Натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ахлоқ ва антропология, барои таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо оид ба фалсафаи ахлоқ ва таърихи фалсафаи тоҷик мавриди истифода қарор дод.

**Маводи таҳқиқшуда**, натиҷа ва хулосаҳои бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа ва ахлоқ аз аҳамият холӣ намебошад.

**Дар раванди таҳқиқот** ба таври мушаххас дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф усулҳои мантиқӣ ва таърихӣ, усули таҳлили муқоисавӣ ва герменевтикӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ** бевосита таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ – намояндагони “асҳоби ҳаюло” ва “машшоияи шарқӣ” - ду мактаби фалсафаи асримиёнагии тоҷикро таҳлилу баррасӣ ва муқоиса карда, сарчашмаву заминаҳои ғоявии таълимоти ахлоқии ин мутафаккирон ва тафовуту ҳамоҳангиҳои андешаҳои ахлоқии онҳоро ошкор намудааст. Ба таври

мушаххас таъсири таълимоти ахлоқии ин мутафаккирони тоҷикро ба афкори аҳлоқӣ-иҷтимоии мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ муайян намуда, аҳамияти омӯзиш ва татбиқи консепсияҳои ахлоқии мутафаккирони мазкурро дар раванди тарбияи ахлоқию маънавии аҳли ҷомеа, алалхусус ҷавонон ва наврасон, дар шароити муосир ошкор кардааст.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ 04 феврали соли 2021 дар бораи ба Абубакри Мирзораҳими Грезода додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа қарор қабул намуд.

Дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштироккунандагон аз 17 нафар аъзои доимии шӯрои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Ахмедов С.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

**04.02.2021**